# Номаҳо 1



COMIC BIBLE
SOCIETY

Published by the Comic Bible Society, LLC
Copyright © 2022

Kingstone Comics maintains copyright to this comic book as provided by United States copyright law.

Print and digital copies of this version may be freely distributed without penalty under a Creative Commons license.


РУМИЁН
РУМ ПОЙТАХТ ВА ЯКЕ АЗ МУҲИМТАРИН ШАҲРҲОИ ИМПЕРИЯИ РУМ БУД.
ЭҲТИМОЛ, ҶАМОАТРО ДАР РУМ ЯКЕ АЗ КАСОНЕ, КИ ДАР РӮЗИ ПАНТИКОСТ ИМОН ОВАРДАНД, ТАЪСИС ДОДАНД.
[1] АМАЛҲО 2:10
ПАВЛУС ҲАНӮЗ БА РУМ НАРАФТА БУД ВА ДАР РОҲ БА СӮИ ИСПАНИЯ БА ОН ҶО РАФТАНӢ БУД.
ИН ИН НОМАРО НА БАРОИ ОН НАВИШТ, КИ МАЪНИДОДҲОИ НОДУРУСТРО ИСЛОҲ КУНАД, ЗЕРО ИН ҶАМОАТ НАВИШТАРО ДУРУСТ ПАЙРАВӢ МЕКАРД, АММО ДАР АЙНИ ҲОЛ, ЧУН ҲАМАИ ДИГАР ҶАМОАТҲО, БА РОҲНАМОИИ ХУБИ ТАЪЛИМОТӢ ЭҲТИЁҶ ДОШТ.
Ӯ МЕХОСТ БА МАСЕҲИЁНИ РУМ, КИ ҲЕҶ ГОҲ ПАНДУ НАСИҲАТҲОИ РАСУЛРО БА ДАСТ НАОВАРДА БУДАНД, ИНҶИЛИ ФАЙЗРО ТАЪЛИМ ДИҲАД.
ДАР ИН НОМА Ӯ ТАСВИР МЕНАМОЯД, КИ ЧӢ ТАВР ҲАЁТИ МАСЕҲ ДАР ЗАМИН БО КОРИ ХУД ДАР ТАЪРИХИ ЯҲУДИЁН ВА ОЯНДАИ ИНСОНИЯТ РОБИТА ДОШТ.
НОМА БА РУМИЁН, КИ БА ДАСТИ КОТИБ ТАРТИЮС НАВИШТА ШУДААСТ, ДАРОЗТАРИН НОМАИ РАСУЛ БУДА, 7000 КАЛИМАРО ДАР БАР МЕГИРАД.


САРВАРИИ РӮҲОНӢ
БА ХУДОИ ХУД БА ВОСИТАИ ИСОИ МАСЕҲ БАРОИ ҲАМАИ ШУМО ШУКР МЕГӮЯМ.
БА ҲАР ҶОЕ КИ РАВАМ, ДАР БОРАИ ИМОНИ ШУМО МЕШУНАВАМ – ОН ДАР ТАМОМИ ҶАҲОН ШӮҲРАТ ЁФТААСТ.
МАН ПАЙВАСТА БАРОИ ОН ДУО МЕГӮЯМ КИ ИМКОНИЯТИ БОЗДИДИ ШУМО МУЯССАР ГАРДАД.
БО ЯКҶОЯГИИ ШУМО АЗ ИМОНИ УМУМИАМОН, АЗ ИМОНИ ШУМО ВА ХУДАМ, ТАСАЛЛӢ ЁБАМ.
ЗЕРО АЗ ИНҶИЛИ МАСЕҲ ШАРМСОР НЕСТАМ, ЧУНКИ ОН РОҲИ ХУДОСТ БАРОИ НАҶОТ.
ИН ХАБАР ДАР ИБТИДО БА ЯҲУДИЁН РАСОНИДА ШУД, АММО АКНУН ҲАР ЯК ШАХС ДАЪВАТ ШУДААСТ, КИ БО ҲАМИН ТАРИҚ БА ПАРВАРДИГОР РӮ ОВАРАД.
ҒАЗАБИ ХУДО ЗИДДИ ГУНОҲ
АММО ХУДО ҒАЗАБИ ХУДРО АЗ ОСМОНҲО БА ҲАМАИ БАДКИРДОРОН, КИ РОСТИРО ПАЙМОЛ МЕКУНАНД, ЗОҲИР МЕНАМОЯД.
Ӯ РОСТИИ ХУДРО ДАР ДИЛҲОИ ОНҲО ҶОЙГИР КАРД, БИНОБАР ИН ҲАНГОМИ ДОВАРӢ ДАР НАЗДИ ХУДО ОНҲО УЗРЕ НАХОҲАНД ДОШТ..
АММО ОНҲО ОНРО ҚАБУЛ НАКАРДАНД.
БА ҶОИ ПАРАСТИШИ ХУДОИ БУЗУРГ, ОНҲО АЗ ЧӮБ ВА САНГ БАРОИ ХУД БУТҲО СОХТАНД.


ВА ОНҲО КОРҲОИ НАФРАТОВАР ВА ГУНОҲКОРОНА КАРДАН ГИРИФТАНД.
БА ҶОИ БОВАР КАРДАН БА РОСТИИ ХУДО, ОНҲО ДИДАВУ ДОНИСТА БА ДУРӮҒ БОВАР КАРДАНРО ИНТИХОБ НАМУДАНД.
ВА ХУДО ОНҲОРО БА ҲАВАСҲОИ НАНГИН ГИРИФТОР КАРД – ҲАТТО ЗАНҲОИ ОНҲО ЗИДДИ НАҚШАҲОИ ТАБИИИ ХУДО БАРОМАДАНД.
ВА МАРДОНИ ОНҲО БО МАРДОНИ ДИГАР БО КИРДОРИ НАНГИН МАШҒУЛ ШУДА, ФАРМУДАҲОИ ХУДОРО РАД КАРДАНД.
ҲАНГОМЕ КИ ХУДОРО БО АҚЛИ ХУД ШИНОХТАН НАХОСТАНД, ХУДО ОНҲОРО БА ФИКРҲОИ НОШОИСТА ВОГУЗОШТ.
ОНҲО АЗ ҲАР ГУНА НОРОСТӢ, ТАМАЪ, КИНА, ҲАСАД, КУШТОР, ҶАНҶОЛ, ФИРЕБ ПУР ҲАСТАНД.
ОНҲО ХУДОБАДБИН, ҲАВОБАЛАНД, ХУДСИТО БУДА, ҲАМЕША ДАР ФИКРИ ГУНОҲКОРИҲОИ НАВ ҲАСТАНД ВА БА ПАДАРУ МОДАРОН ИТОАТ НАМЕКУНАНД.
ОНҲО МЕДОНАНД, КИ КУНАНДАГОНИ ЧУНИН КОРҲО САЗОВОРИ ҶАЗОИ ИЛОҲИИ МАРГАНД, АММО БО ВУҶУДИ ОН ИН КОРҲОРО МЕКУНАНД.
РУМИЁН 1:24-32



РУМИЁН 2:1-3:20


САФЕД ШУДАН ТАНҲО АЗ РӮИ ИМОН
АММО ХУДОВАНД БА МО ОШКОР НАМУД, КИ ҲАТТО АГАР "БА ҚАДРИ КОФӢ ХУБ" НАБОШЕМ, Ё ШАРИАТИ ӮРО РИОЯ КАРДА НАТАВОНЕМ ҲАМ, БА ОСМОНҲО МЕРАВЕМ, АММО БА ВОСИТАИ РОҲИ НАВ.
АКНУН, АГАР МО БАРТАРАФ КАРДАНИ ГУНОҲҲОЯМОНРО БА ИХТИЁРИ ИСОИ МАСЕҲ ВОГУЗОРЕМ, ХУДОВАНД МОРО "БЕГУНОҲ" ЭЪЛОН МЕКУНАД.
ВА ҲАМАИ МО НАЗДИ МАСЕҲ ОМАДА, ҲАМИН ТАВР НАҶОТ ЁФТА МЕТАВОНЕМ, НОВОБАСТА БА ОН КИ КИСТЕМ ВА ЧӢ ГУНА ҲАСТЕМ, ЗЕРО ҲАМА ГУНОҲ КАРДА, АЗ ИДЕАЛИ ПУРҶАЛОЛИ ХУДО МАҲРУМ ШУДААНД.
КАФОЛАТИ НАҶОТ
ВА АКНУН, КИ МО АЗ РӮИ БОВАРӢ БА ВАЪДАҲОИ ХУДО ДАР НАЗАРИ Ӯ РОСТКОР ШУДАЕМ, БА ШАРАФИ ОН ЧИ ИСОИ МАСЕҲ БАРОИ МО КАРД, БО Ӯ СУЛҲУ ОШТӢ ДОШТА МЕТАВОНЕМ.
ҲАНГОМЕ КИ МО ТАМОМАН НОТАВОН БУДЕМ, МАСЕҲ ДАР ЛАҲЗАИ ЗАРУРТАРИН ОМАД ВА БАРОИ МО МУРД.
ВА АКНУН МО ДАР МУНОСОБАТҲОИ НАВИ ХУД ШОДӢ МЕКУНЕМ – ИСОИ МАСЕҲ БАРОИ ГУНОҲҲОИ МО МУРД ВА МОРО ДӮСТОНИ ХУДО ГАРДОНД.


МЕРОСӢ БУДАНИ ГУНОҲИ ҲАЗРАТИ ОДАМ
ҲАНГОМЕ КИ ОДАМ ГУНОҲ КАРД, ГУНОҲ БА ҲАЁТИ ТАМОМИ НАСЛИ БАШАР ГУЗАШТ.
АЗ БОИСИ ГУНОҲИ Ӯ МАРГ БАР ТАМОМИ ҶАҲОН ҲУКМРОН ШУД, ЧУНКИ ДАР Ӯ ҲАМА ГУНОҲ КАРДАНД.
ОДАМ БА ВОСИТАИ ГУНОҲИ ХУД МАРГРО БА ҲАМА ГУЗАРОНД.
АММО ЯК ШАХС, ИСОИ МАСЕҲ, БА ВОСИТАИ ФАЙЗИ ХУДО БАХШИДАШАВИИ ГУНОҲҲОРО БА БИСЁР КАСОН ОВАРД.
ТАҚДИС
ОЁ ДАР ГУНОҲ МОНЕМ, ТО КИ ХУДОВАНД БА МО ФАЙЗ БЕШТАР АТО КАРДА ТАВОНАД?
АЛБАТТА НЕ! ЧУНКИ ҚУДРАТИ ГУНОҲ БАРҲАМ ХӮРД, ҲАНГОМЕ МО МАСЕҲӢ ШУДА, ТАЪМИД ГИРИФТЕМ, ТО КИ ШАРИКОНИ ИСОИ МАСЕҲ ШАВЕМ.
ТАБИАТИ ГУНОҲКОРОНАИ ШУМО БА ВОСИТАИ ТАЪМИД ДАР МАРГ БО Ӯ ДАФН КАРДА ШУД, ВА ҲАНГОМЕ КИ ХУДО ПАДАР ӮРО АЗ МУРДАГОН БАРХЕЗОНД, БА ШУМО ҲАЁТИ НАВ АТО КАРДА ШУД.
ШУМО БАНДАИ ҲАР ГУНОҲ БУДЕД, ВА АКНУН БОЯД БАНДАИ ҲАР КОРИ РОСТ ВА МУҚАДДАС ШАВЕД.
ЗЕРО МУЗДИ ГУНОҲ МАРГ АСТ, АММО АТОИ ХУДО ҲАЁТИ АБАДИСТ ДАР ХУДОВАНДИ МО МАСЕҲ ИСО.


МАГАР НАМЕДОНЕД, КИ ҲАНГОМИ ШАХС МЕМИРАД, ШАРИАТ ДИГАР БАР Ӯ ҲУКМРОНӢ НАМЕКУНАД?
ҲАНГОМЕ КИ ЗАН БА ШАВҲАР МЕБАРОЯД, ТО ЗАМИ ЗИНДА БУДАНИ ШАВҲАРАШ БА Ӯ ВОБАСТА АСТ. АММО АГАР ШАВҲАРАШ МУРАД, ВАЙ БА Ӯ ДИГАР ВОБАСТА НЕСТ.
ШАРИАТИ ЯҲУДИЁН “ШАВҲАР”-И ШУМО БУД; АММО АКНУН ШУМО БО МАСЕҲ ДАР САЛИБ ”МУРДАЕД” ВА ДИГАР “ДАР НИКОҲИ ШАРИАТ” НЕСТЕД”.
ШУМО БО МАСЕҲ БА ҲАЁТ ЭҲЁ ШУДАЕД, ВА АКНУН ШУМО ИНСОНИ НАВ ҲАСТЕД.
ШАРИАТ ОДИЛОНА АСТ – МУШКИЛӢ НА ДАР ШАРИАТ, БАЛКИ ДАР МАН АСТ, ЧУНКИ МАН БАНДАИ ГУНОҲ ШУДАМ.
МАН ҲАҚИҚАТАН НЕКӢ КАРДАН МЕХОҲАМ, АММО КОРЕРО МЕКУНАМ, КИ НАМЕХОҲАМ – ОН ЧИРО, КИ БАД МЕБИНАМ, БА ҶО МЕОВАРАМ.
ҲАЁТИ НАВАМ МАРО ДАЪВАТ МЕКУНАД, КИ РОСТКОРОНА ЗИНДАГӢ КУНАМ, АММО ТАБИАТИ КӮҲНА ДАР ДАРУНАМ ҲАНӮЗ ГУНОҲРО ДӮСТ МЕДОРАД.
АММО АКНУН ДАР МАН ҲЕҶ МАҲКУМИЯТЕ НЕСТ, ЧУНКИ ИСОИ МАСЕҲ МАРО ОЗОД КАРД.
ЗЕРО БОВАРӢ ДОРАМ, КИ ҲЕҶ ЧИЗ ҲЕҶ ГОҲ МОРО АЗ МУҲАББАТИ Ӯ ҶУДО КАРДА НАМЕТАВОНАД.
НА МАРГ, НА ҲАЁТ, НА ФАРИШТАҲО, НА ДЕВҲО, НА ТАРСУ ҲАРОС, НА ТАШВИШҲО, НА БАЛАНДӢ, НА ПАСТӢ МОРО АЗ МУҲАББАТИ ХУДО, КИ ОНРО ХУДОВАНДАМОН МАСЕҲ ИСО НИШОН ДОД, ҶУДО КАРДА НАМЕТАВОНАД.


ИНТИХОБШАВИИ ШОҲОНА
ЭЙ ХАЛҚИ ИСРОИЛ, МАН ХЕЛЕ МЕХОҲАМ, КИ ШУМО НАЗДИ МАСЕҲ ОЕД!
МАН ГИРИФТОРИ ЛАЪНАТИ АБАДӢ ШУДАНРО АФЗАЛ МЕДОНИСТАМ, АГАР ИН ШУМОРО НАҶОТ МЕДОД.
ХУДОВАНД БА ШУМО ИН ҚАДАР АТОҲО КАРДААСТ, АММО ШУМО ҲАНӮЗ ҲАМ БА Ӯ ГӮШ ДОДАН НАМЕХОҲЕД.
Ӯ ШУМОРО ХАЛҚИ ИНТИХОБШУДАИ ХУД ГАРДОНД ВА ДАР СУТУНИ ҶАЛОЛИ ХУД ШУМОРО РОҲНАМОӢ МЕКАРД.
Ӯ БА ШУМО ФАРМУДАҲОИ ХУДРО ДОД, ВА МАСЕҲ ЧУН ЯКЕ АЗ ШУМО – ҶИСМАН ЯҲУДӢ ГАРДИД.
НАҚШАИ ХУДО БАРАИ ИСРОИЛ
ПАЙҒАМБАР ИШАЪЁ МЕГУФТ...
ҲАТТО АГАР ШУМОРАИ ФАРЗАНДОНИ ИСРОИЛ ЧУН РЕГИ БАҲР БОШАД ҲАМ, ТАНҲО БАҚИЯЕ НАҶОТ МЕЁБАД.
ХУДО БА ҒАЙРИЯҲУДИЁН ИМКОНИЯТ ДОД, КИ АЗ РӮИ ИМОН САФЕД ШАВАНД.
ЯҲУДИЁН БА ИН НОИЛ НАШУДАНД, ЧУНКИ КӮШИШ МЕКАРДАНД БА ВОСИТАИ РИОЯИ ШАРИАТ НАҶОТ ЁБАНД, БА ҶОИ ОН КИ БО ИМОН УМЕД БАНДАНД.
ХУДОВАНД ХАЛҚИ ХУДРО, КИ АЗ АВВАЛ ИНТИХОБ КАРДА БУД, ТАРК НАКАРДААСТ.
Ӯ МЕХОСТ НАҶОТРО ДАСТРАСИ ҒАЙРИЯҲУДИЁН КУНАД, ТО КИ БАЪД ХУДИ ЯҲУДИЁН ХОҲОНИ БА ДАСТ ОВАРДАНИ НАҶОТИ ИЛОҲӢ ШАВАНД.


АТОҲОИ РӮҲОНӢ
АЗ ШУМО ИЛТИҶО МЕНАМОЯМ –БАДАНҲОИ ХУДРО ҲАМЧУН ҚУРБОНИИ ЗИНДА, МУҚАДДАС ВА ПИСАНДИДАИ ХУДО ТАҚДИМ КУНЕД.
ДАР ХУСУСИ ХУД ҲУШЁРОНА ФИКР КУНЕД, МУВОФИҚИ ИМОНЕ КИ ХУДО БА ШУМО АТО КАРДААСТ.
БАДАНҲОИ МО УЗВҲОИ БИСЁР ДОРАНД, ҲАМАИ МО НИЗ УЗВҲОИ БАДАНИ МАСЕҲ ҲАСТЕМ, КИ ТАЪЙИНОТИ ГУНОГУН ДОРАНД, ТО КИ БАДАН МУКАММАЛ БОШАД.
АГАР ХУДОВАНД БА ШУМО АТОИ ПАЙҒАМБАРИРО ДОДА БОШАД – БО ИМОНЕ КИ Ӯ БА ШУМО АТО МЕКУНАД, ПАЙҒАМБАРӢ КУНЕД.
АГАР АТОИ МУАЛЛИМӢ ДОШТА БОШЕД – БО ҶИДДИ ҶАҲД ТАЪЛИМ ДИҲЕД.
АГАР АТОИ ХИЗМАТРО ДОШТА БОШЕД – МЕҲРУБОНОНА БА ДИГАРОН ХИЗМАТ КУНЕД.
АГАР АТОИ НАСИҲАТГӮӢ ДОШТА БОШЕД – НАСИҲАТҲОИ РӮҲБАЛАНДӢ ВА НАҶОТРО ГӮЕД.
АГАР ХУДОВАНД БА ТУ САРВАТ ДОДА БОШАД – АЗ САРВАТИ ХУД БА ДИГАРОН АТО НАМО.
АГАР ХУДОВАНД ТУРО САРВАР ГУЗОШТА БОШАД – БА ИН МАСЪУЛИЯТ МУНОСИБАТИ ҶИДДӢ НАМОЕД.
АГАР АТОИ НЕКӮКОРӢ ДОШТА БОШЕД – ХУРСАНДОНА ЧУНИН КУНЕД.
РУМИЁН 12:1-8


ТАҚВОДОРИИ ҲАҚИҚӢ
ВОНАМУД НАКУНЕД, КИ ДИГАРОНРО ДӮСТ МЕДОРЕД, – ОНҲОРО ҲАҚИҚАТАН ДӮСТ ДОРЕД.
ДАР КОР ТАНБАЛӢ НАКУНЕД, БАЛКИ БО ҶИДДУ ҶАҲД БА ХУДОВАНД ХИЗМАТ КУНЕД.
ҲАНГОМИ МУШКИЛОТ ПУРСАБР БОШЕД ВА ҲАМЕША ДУО ГӮЕД.
ҲАНГОМЕ КИ ФАРЗАНДОНИ ХУДО МӮҲТОҶ ҲАСТАНД, БА ОНҲО ДАСТИ ЁРӢ ДАРОЗ КУНЕД.
АГАР КАСЕ АЗ БОИСИ МАСЕҲӢ БУДАНАТОН БО ШУМО МУНОСИБАТИ БАД КУНАД, ӮРО ЛАЪНАТ НАКУНЕД; ДУО ГӮЕД, КИ ХУДОВАНД ӮРО БАРАКАТ ДИҲАД.
КӮШИШ НАКУНЕД, КИ ҲУСНИ ТАВАҶҶӮҲИ ШАХСОНИ БАЛАНДМАРТАБАРО БА ДАСТ ОВАРЕД, БАЛКИ ДАР ҶАМЪИЯТИ ОДАМОНИ ОДДӢ ФУРӮТАН БОШЕД.
ДАР ИВАЗИ БАДӢ БАДӢ НАКУНЕД – ПЕШИ ҲАМАИ ОДАМОН ДАР ПАЙИ НЕКӢ БОШЕД.
ҶАНҶОЛ НАКУНЕД, АГАР ИМКОНИЯТ ДОШТА БОШЕД, БО ҲАМА ДАР ОСОИШ ЗИНДАГӢ КУНЕД.
ҲАҲ-ҲАҲ!
ДӮСТОН, ҲЕҶ ГОҲ ҚАСОС НАГИРЕД. ОНРО БА ИХТИЁРИ ХУДО ВОГУЗОР НАМОЕД,ЗЕРО Ӯ ГУФТААСТ, КИ Ӯ ХУДАШ САЗОИ КАСОНЕРО, КИ САЗОВОРИ ИН ҲАСТАНД, ХОҲАД ДОД.
БА ҶОИ ИН, АГАР ДУШМАНАТ ГУРУСНА БОШАД, БА Ӯ ХӮРОК ДЕҲ. АГАР ТАШНА БОШАД, БА Ӯ ОБ ДЕҲ – БАДИРО БО НЕКӢ МАҒЛУБ НАМО.
РУМИЁН 12:9-21


МАСЪУЛИЯТ ДАР НАЗДИ ҲУКУМАТИ ИНСОН
БА ҲОКИМИЯТҲО ФАРМОНБАРДОР БОШЕД; ЗЕРО ОНҲО АЗ ҶОНИБИ ХУДО БАРПО ШУДААНД.
ҲАР КӢ БА ҲОКИМИЯТ ИТОАТ НАКУНАД, БАР ЗИДДИ ТАРТИБИ ХУДО ИСЁН КАРДААСТ, ВА ГИРИФТОРИ МАҲКУМИЯТ МЕШАВАД.
АНДОЗҲОРО ПАРДОХТ НАМОЕД, ТО КИ КОРМАНДОНИ ҲУКУМАТӢ КОРИ ХУДРО ДАВОМ ДОДА, БА ШУМО ХИЗМАТ КАРДА ТАВОНАНД.
БА ҲАР КАС ОН ЧИРО, КИ ҲАҚҚИ ӮСТ, ДИҲЕД – ВА КАСЕРО, КИ ШОИСТАИ ИЗЗАТ АСТ, ИЗЗАТУ ЭҲТИРОМ НАМОЕД.
АЗ КАСЕ ЧИЗЕ ҚАРЗДОР НАШАВЕД, ҒАЙР АЗ ҚАРЗИ МУҲАББАТ БА ЯКДИГАР – ҲЕҶ ГОҲ ЗОҲИР НАМУДАНИ ОНРО БАС НАКУНЕД!
ҲАМАИ ДАҲ ФАРМУДА ДАР ИН КАЛОМ ҶАМЪБАСТ ШУДААСТ: “ЁРАТРО МОНАНДИ ХУДАТ ДӮСТ ДОР”.
САБАБИ ДИГАР БАРОИ ҲАЁТИ РОСТКОРОНА ОН АСТ, КИ АКНУН НАҶОТИ ИЛОҲӢ НАЗАР БА ОН ВАҚТЕ КИ ИМОН ОВАРДЕМ, НАЗДИКТАР АСТ.
ВАҚТРО НА ДАР БАЗМҲО ВА МАСТИГАРӢ, НА БО ШАҲВАТПАРАСТӢ ВА БАДАХЛОҚӢ, НА БО ҶАНҶОЛ ВА ҲАСАД ГУЗАРОНЕД.
БАЛКИ АЗ ХУДОВАНД ИСОИ МАСЕҲ ХОҲИШ КУНЕД, ТО БА ШУМО ЁРӢ ДИҲАД, КИ ЗИНДАГИИ ДУРУСТ БА САР БАРЕД.


ПРИНСИПҲОИ ОЗОДИИ МАСЕҲӢ
ҲАР БАРОДАРЕРО, КИ БА ШУМО ҲАМРОҲ ШУДАН ХОҲАД, ҚАБУЛ НАМОЕД, ҲАТТО АГАР ИМОНАШ СУСТ БОШАД ҲАМ.
ӮРО БАРОИ АҚИДАИ ДИГАРИ Ӯ ДАР ХУСУСИ МАФҲУМҲОИ ДУРУСТ Ё НОДУРУСТ МАҲКУМ НАКУНЕД.
ШУМО ҲАҚ НАДОРЕД, КИ БАРОДАРИ ХУДРО ПАСТ ЗАНЕД Ё ӮРО ТАҲҚИР НАМОЕД.
ДАР ЁД НИГОҲ ДОРЕД, КИ ҲАР КАДОМИ МО БА ДОВАРИИ ХУДО ҲОЗИР ШУДА, ҲИСОБОТ МЕДИҲАД.
КӮШИШ КУНЕД ЧУНОН ЗИНДАГӢ КУНЕД, КИ БАРОДАРАТОН БА ВАСВАСА НААФТАД, ЧУН БИНАД, КИ КОРИ АЗ НУҚТАИ НАЗАРИ Ӯ НОДУРУСТРО МЕКУНЕД.
ҲАТТО АГАР МО БОВАРӢ ДОШТА БОШЕМ, КИ ИН БАРОИ ХУДОВАНД МУҲИМ НЕСТ, БА ҲАР ҲОЛ НАМЕТАВОНЕМ АЗ ПАЙИ ХУШНУДИИ ХУД БОШЕМ – МО БОЯД ШУБҲАҲО ВА ТАРСҲОИ ДИГАРОНРО БА НАЗАР ГИРЕМ.
ВА ХУДОИ САБРУ ТАСАЛЛӢ БА ШУМО ЁРӢ ДИҲАД, КИ БА ЯКДИГАР МУВОФИҚИ ОН ЧИ МАСЕҲ ТАЪЛИМ МЕДОД, ҲАМФИКР БУДА, ДАР ЯГОНАГӢ ЗИНДАГӢ КУНЕД.
ХОҲАРИ МО ФИБИРО, КИ ИН НОМАРО ОВАРДААСТ, БА ШУМО МЕШИНОСОНАМ..
БА ҲАМА ДАР ҶАМОАТ АЗ НОМИ МАН САЛОМ ГӮЕД.
ТАНҲО ХУДОИ ЯГОНАИ ХИРАДМАНДРО БА ВОСИТАИ ИСОИ МАСЕҲ ТО АБАД ҶАЛОЛ БОД!



РУМИЁН 14-16



I, II ҚУРИНТИЁН
СОЛИ 55-УМИ МИЛОДӢ. ДАР ҶАМОАТИ ҚУРИНТУС МУШКИЛОТ БА МИЁН ОМАДАНД – МУШКИЛОТИ ЗИЁД.
ҶАМОАТРО РАСУЛ ПАВЛУС ҲАНГОМИ САФАРИ ДУЮМИ МИССИОНЕРИИ ХУД ТАЪСИС ДОДА БУД.
ҚУРИНТУСРО ТАРК КАРДА, Ӯ ДЕРТАР ДАР ХУСУСИ БАДАХЛОҚӢ ДАР ҶАМОАТ ШУНИД, ВА БА ОНҲО НОМА НАВИШТ, КИ «НОМАИ САХТГИРОНА» НОМИДА ШУДААСТ. (1 ҚУР. 5:9)
СИПАС, ҲАМЧУН ҶАВОБ БА МАСЪАЛАҲОИ ДИГАР, КИ ДАР ҶАМОАТ БУДАНД, Ӯ ИН НОМАРО – НОМАИ 1-УМ БА ҚУРИНТИЁНРО НАВИШТ.
ШАҲР ЧУНОН БА ГУНОҲ ҒӮТИДА БУД, КИ ҲАТТО АЗ РӮИ АНДОЗАҲОИ БУТПАРАСТОН ФОСИД БУДА, ХУДИ НОМИ ҚУРИНТУС МУРОДИФИ ФОСИҚӢ ВА БАДАХЛОҚӢ ШУДА БУД.
МАСЪАЛАИ ҶИДДИИ ИН ҶАМОАТ ДӮСТ ДОШТАНИ ҶАҲОН – ДАСТ НАКАШИДАН АЗ ФАРҲАНГИ АТРОФАШОН БУД.
ДАР ДАР БАЙНИ ҲАМАИ ИН ЧИЗ ПАВЛУС ҶАМОАТ БУНЁД НАМУДА, ТАРЗИ ЗИНДАГИИ МАСЕҲИЁНАРО БА АҲЛИ ҶАМОАТ ТАЪЛИМ МЕДОД.
«БУБИНЕД, ЭЙ БАРОДАРОН, КИ ДАР БАЙНИ ШУМО, ПАЙРАВОНИ МАСЕҲ, АШРОФЗОДАГОН, ТАВОНОЁН Ё САРВАТМАНДОН БИСЁР НЕСТАНД».
«ЛЕКИН ХУДО ОНҲОЕРО, КИ ҲЕҶ ҲИСОБИДА МЕШАВАНД, ИНТИХОБ КАРД, ТО КИ КАСЕ ДАР ҲУЗУРИ ХУДО ФАХР КАРДА НАТАВОНАД».


ҲАНГОМЕ КИ НАЗДИ ШУМО ОМАДАМ, СУХАНПАРДОЗӢ Ё ҲИКМАТРО ИСТИФОДА НАБУРДАМ, БАЛКИ ТАНҲО ДАР БОРАИ ИСОИ МАСЕҲ ВА МАРГИ Ӯ ДАР САЛИБ ГАП МЕЗАДАМ – ТО КИ ИМОНИ ШУМО НА ДАР СУХАНОНИ ОДАМӢ, БАЛКИ ДАР СУХАНОНИ ХУДО АСОС ЁФТА БОШАД.
АГАР МИРОНИ ИН ҶАҲОН ИНРО МЕДОНИСТАНД, ХУДОВАНДИ ҶАЛОЛРО БА САЛИБ НАМЕКАШИДАНД.
НАВИШТАҲО МЕГӮЯНД, КИ ОН ЧИРО, КИ ЧАШМЕ НАДИДААСТ, ГӮШЕ НАШУНИДААСТ ВА БА ДИЛИ ИНСОН НАОМАДААСТ, ХУДО БАРОИ ДӮСТДОРОНИ ХУД ОМОДА КАРДААСТ.
ҲАНГОМЕ КИ ҲАСАД МЕБАРЕД ВА ҶАНҶОЛ МЕКУНЕД, ЧУН ШАХСОНЕ РАФТОР МЕКУНЕД, КИ БА ХУДОВАНД ТААЛЛУҚ НАДОРАНД.
ПЕШ АЗ ВАҚТ ДОВАРӢ НАКУНЕД, КИ ОЁ КАСЕ ХУБ ХИЗМАТ МЕКУНАД Ё НЕ
ҲАНГОМЕ КИ ХУДОВАНД МЕОЯД, НИЯТҲОИ ҲАҚИҚИИ ДИЛИ МОРО ОШКОР МЕКУНАД.
ИН СУХАНОНРО НА АЗ БАРОИ ОН НАВИШТААМ, КИ ШУМОРО ХИҶИЛ КУНАМ, БАЛКИ ШУМОРО ЧУН ФАРЗАНДОНИ АЗИЗИ ХУД НАСИҲАТ МЕДИҲАМ
БА МАН ТАҚЛИД КУНЕД ВА МОНАНДИ МАН


ДАР БАЙНИ ШУМО ЧУНОН ФОСИҚӢ ҲАСТ, КИ ҲАТТО ДАР БАЙНИ БУТПАРАСТОН МАЪМУЛ НЕСТ – ШАХСЕ ЗАНИ ПАДАРАШРО ГИРИФТААСТ
ШУМО БОЯД ИН КАСРО АЗ МИЁНИ ХУД БЕРУН КУНЕД – БО УМЕДИ ОН, КИ Ӯ НАҶОТ МЕЁБАД.
ҲАНГОМЕ БА ШУМО НАВИШТА БУДАМ, КИ БО ФОСИҚОН РАФТУОМАД НАКУНЕД, НА ТАНҲО БЕИМОНОНРО ДАР НАЗАР ДОШТАМ.
ДАР НАЗАР ДОШТАМ, КИ БО КАСЕ РАФТУОМАД НАКУНЕД, КИ ХУДРО МАСЕҲӢ МЕНОМАД, АММО ФОСИҚӢ МЕКУНАД, ДУРӮҒ МЕГӮЯД, ХАСИС АСТ Ё БУТПАРАСТ АСТ.
МО КАСОНЕРО, КИ БЕРУН АЗ ҶАМОАТАНД, ДОВАРӢ НАМЕКУНЕМ – ТАНҲО КАСОНЕРО, КИ ДАР ҶАМОАТ БУДА, ЧУНИН ГУНОҲҲОРО СОДИР МЕКУНАНД.
ВА ЧАРО ШУМО БАЙНИ ХУД МУРОФИАҲО ДОРЕД – МАГАР НАМЕДОНЕД, КИ МО ФАРИШТАГОНРО ДОВАРӢ ХОҲЕМ КАРД?
БАЙНИ ХУД МУРОФИАҲО ДОШТА, ШУМО ҲАМЧУН МАСЕҲИЁН ШИКАСТИ САХТ МЕХӮРЕД.
ФОСИҚОН, БУТПАРАСТОН, ЗИНОКОРОН, ШАҲВАТПАРАСТОН, БАЧАБОЗОН, ДУЗДОН, ТАМАЪКОРОН, БАДМАСТОН, БАДЗАБОНОН, ҒОРАТГАРОН ВОРИСИ ПОДШОҲИИ ХУДО НАМЕШАВАНД.
ЗАМОНЕ ШУМО ЧУНИН БУДЕД, АММО АКНУН ГУНОҲҲОЯТОН ШУСТА ШУДААНД ВА ШУМО БА ХУДОВАНД ТААЛЛУҚ ДОРЕД.
БАДАНҲОИ МО НА БАРОИ ФОСИҚӢ ОФАРИДА ШУДААНД.
АЗ ФОСИҚӢ ГУРЕЗЕД, ЧУНКИ ИН ҶИНОЯТ АСТ ЗИДДИ БАДАНИ ХУДАТОН.


ДАР ХУСУСИ МАСЪАЛАИ ОИЛАДОРШАВӢ – ОДАТАН ЗАН ГИРИФТАН БЕҲТАР АСТ, ВАГАРНА ШУМО БА ФОСИҚӢ АФТОДА МЕТАВОНЕД.
АГАР МАСЕҲӢ ЗАНИ ҒАЙРИМАСЕҲӢ ДОШТА БОШАД, ВА ОН ЗАН БО Ӯ МОНДАН ХОҲАД, Ӯ НАБОЯД ӮРО ТАРК КУНАД Ё ТАЛОҚ ДИҲАД.
ҲАМЧУНИН БО ЗАНИ МАСЕҲӢ, КИ ШАВҲАРАШ ҒАЙРИМАСЕҲӢ АСТ, БОЯД ЧУНИН БОШАД.
АГАР ОИЛА ҶУДО ШАВАД, ЭҲТИМОЛ ФАРЗАНДОН ҲЕҶ ГОҲ ХУДОВАНДРО НАХОҲАНД ШИНОХТ – АММО ОИЛАИ МУТТАҲИД ДАР ОЯНДА ФАРЗАНДОНРО БА НАҶОТ ОВАРДА МЕТАВОНАД.
ТО ДАМЕ КИ ШАВҲАР ЗИНДА АСТ, ЗАН БА Ӯ ВОБАСТА АСТ; АГАР ШАВҲАР ВАФОТ КУНАД, ЗАН ОЗОД АСТ БА ҲАР КАСЕ КИ ХОҲАД, ОИЛАДОР ШАВАД, ФАҚАТ МАСЕҲӢ БОШАД.
ДАР ХУСУСИ МАСЪАЛАИ ХӮРОКИ БА БУТҲО БАХШИДАШУДА – МО МЕДОНЕМ, КИ БУТ ХУДО БУДА НАМЕТАВОНАД.
ТАНҲО ЯК ХУДО ҲАСТ, КИ ҲАМА ЧИЗРО ОФАРИДААСТ – ТАНҲО ЯК ХУДОВАНД ИСОИ МАСЕҲ, КИ ҲАМА ЧИЗРО ОФАРИДААСТ ВА БА ҲАМА ҲАЁТ МЕДИҲАД.
АММО БАЪЗЕ МАСЕҲИЁН БА ЗИНДА БУДАНИ БУТ ЭЪТИМОД ДОШТА, ИН ХӮРОКРО ЧУН ҚУРБОНИИ БУТ МЕХӮРАНД, ВА ИН ВИҶДОНИ ОНҲОРО НОПОК МЕКУНАД.
ЭҲТИЁТ БОШЕД, КИ АЗ ОЗОДИИ ХӮРДАНИ ЧУНИН ХӮРОК ИСТИФОДА НАБАРЕД, ВАГАРНА БАРОДАРОНИ ХУДРО , КИ ВИҶДОНАШОН СУСТ АСТ, БА ГУНОҲ ВОДОР МЕКУНЕД.


РӮҲУЛҚУДС БА ҲАР КАС АТОҲОИ ГУНОГУН МЕДИҲАД.
БАЪЗЕҲО ҲИКМАТ ДОРАНД, ДИГАРОН ШИФО ДОДА МЕТАВОНАНД, БАЪЗЕҲО АТОИ МАХСУСИ ИМОНРО ДОРАНД, БАЪЗЕҲО МУЪҶИЗАҲО БА АМАЛ МЕОВАРАНД, БАЪЗЕҲО МАВЪИЗА КАРДА МЕТАВОНАНД, ДИГАРОН БА ЗАБОНҲОЕ ГАП МЕЗАНАНД, КИ ҲЕҶ ГОҲ НАОМӮХТААНД.
АКНУН ИҶОЗАТ ДИҲЕД, КИ БА ШУМО БЕҲТАРИН ТАРЗИ АМАЛРО НИШОН ДИҲАМ.
АГАР БА ЗАБОНҲОИ ГУНОГУН СУХАН ГӮЯМ, ЛЕКИН ОДАМОНРО ДӮСТ НАДОРАМ, МАН МИСИ ҶАРАНГОСЗАНАНДАЕ ГАРДИДААМ.
АГАР МАН ОЯНДАРО ДОНАМ, АММО ЁРОНИ ХУДРО ДӮСТ НАДОРАМ, АЗ ИН ЧӢ ФОИДА ҲАСТ?
АГАР БО ИМОНИ ХУД КӮҲҲОРО КӮЧОНДА ТАВОНАМ, ЛЕКИН ДӮСТ НАДОРАМ, МАН ҲЕҶ ҲАСТАМ.
ВА АГАР ТАМОМИ ДОРОИИ ХУДРО БА КАМБАҒАЛОН ТАҚСИМ КУНАМ ВА БАДАНИ ХУДРО БАРОИ БАШОРАТ БА СӮХТАН ДИҲАМ, ЛЕКИН ДӮСТ НАДОРАМ, ҲЕҶ ФОИДАЕ НАХОҲАД БУД.
МУҲАББАТ ПУРСАБР ВА МЕҲРУБОН АСТ, ҲАСАД НАМЕБАРАД, ХУДСИТОӢ НАМЕКУНАД, ХУДПИСАНД НАМЕШАВАД, РАФТОРИ НОШОИСТА НАМЕКУНАД.
МУҲАББАТ ФОИДАИ ХУДРО НАМЕҶӮЯД, БА ХАШМ НАМЕОЯД, БА ДИЛ КИНА НАМЕГИРАД, АЗ БЕИНСОФӢ ШОД НАМЕШАВАД.
ВАҚТЕ КИ КӮДАК БУДАМ, КӮДАКВОР ГАП МЕЗАДАМ, КӮДАКВОР ДАЛЕЛ МЕОВАРДАМ; АММО ВАҚТЕ КИ МАРД ШУДАМ, КӮДАКИРО ТАРК КАРДАМ.
АММО ҲОЛО ИН СЕ ЧИЗ БОҚӢ МЕМОНАД: ИМОН, УМЕД, МУҲАББАТ; ВАЛЕ МУҲАББАТ КАЛОНТАРИНИ ОНҲОСТ.


ДАР ПАЙИ МУҲАББАТ БОШЕД; ҲАМЧУНИН ХОҲОНИ АТОҲОИ РӮҲОНӢ НИЗ БОШЕД, КИ ОНҲОРО РӮҲУЛҚУДС МЕДИҲАД, ХУСУСАН ПАЙҒАМБАРӢ – БАЁН КАРДАНИ ХОСТИ ХУДО.
ЧАРО БАЪЗЕИ ШУМО, КИ БА РАСТОХЕЗИ МАСЕҲ БОВАРӢ ДОРЕД, МЕГӮЕД, КИ МУРДАГОН ҲЕҶ ГОҲ БА ҲАЁТ БАРНАМЕГАРДАНД?
АГАР МУРДАГОН БА ҲАЁТ БАРНАМЕГАШТА БОШАНД, ПАС МАСЕҲ НИЗ ҲАНӮЗ ДАР БАЙНИ МУРДАГОН АСТ.
ВА АГАР МАСЕҲ ЗИНДА НАШУДА БОШАД, МАВЪИЗАИ МО НИЗ БЕҲУДА АСТ, ИМОНИ ШУМО НИЗ БЕҲУДА АСТ – ВА МО, РАСУЛОН, ШОҲИДОНИ ДУРӮҒИН ҲАСТЕМ, ЧУНКИ ШАҲОДАТ ДОДАЕМ, КИ ХУДО МАСЕҲРО ЗИНДА КАРДААСТ.
ВА АГАР ТАНҲО ДАР ҲАМИН ЗИНДАГӢ БА МАСЕҲ УМЕДВОР БОШЕМ, МО АЗ ҲАМАИ ОДАМОН БАДБАХТТАРЕМ.
АММО ҲАҚИҚАТ ДАР ОН АСТ, КИ МАСЕҲ ҲАҚИҚАТАН АЗ МУРДАГОН БАРХЕСТА, АВВАЛИНИ МИЛЛИОНҲО КАСОНЕ ГАРДИД, КИ ЗАМОНЕ АЗ НАВ ЗИНДА МЕШАВАНД.
ДАР ХУСУСИ ҶАМЪ КАРДАНИ ПУЛ БАРОИ ХАЛҚИ ХУДО – ДАР РӮЗИ ЯКУМИ ҲАФТА БИГЗОР ҲАР ЯКЕ АЗ ШУМО, МУВОФИҚИ ДАРОМАДАШ, НАЗДИ ХУД ПАСАНДОЗ КАРДА НИГОҲ ДОРАД.
ФАЙЗИ ХУДОВАНД ИСОИ МАСЕҲ БО ШУМО БОД.


ДАР НОМАИ ДУЮМИ ХУД БА ҶАМОАТИ ҚУРИНТУС ПАВЛУС ИЗҲОРИ ШОДӢ МЕКУНАД, КИ БИСЁРИҲО АКСУЛАМАЛИ ДУРУСТ КАРДА, АЗ БАДКИРДОРИҲО ТАВБА КАРДААНД.
ЧӢ ГУНА ХУДОВАНДИ ОЛИДАРАҶА ДОРЕМ – Ӯ БА МО МАРҲАМАТ МЕКУНАД ВА ДАР ҲАР АНДӮҲИ МО ТАСАЛЛӢ МЕДИҲАД.
Ӯ АЗ ОН САБАБ ЧУНИН МЕКУНАД, КИ МО ДИГАРОНРО ҲАНГОМИ ДАР АНДӮҲ БУДАНАШОН ТАСАЛЛО ДОДА ТАВОНЕМ, ЧУНОН КИ ХУДОВАНД МЕКАРД.
ШАХСЕРО БА ЁД ОВАРЕД, КИ ДАР БОРАИ Ӯ БА ШУМО НАВИШТА БУДАМ – Ӯ БО САРЗАНИШИ ЯКҶОЯИ ШУМО БА ҚАДРИ КОФӢ ҶАЗО ДОДА ШУДА БУД.
АКНУН ВАҚТИ ОН АСТ, КИ ӮРО БАХШЕД ВА ТАСАЛЛО ДИҲЕД, ВАГАРНА Ӯ ЧУНОН БА ҒАМУ АНДӮҲ ДОДА МЕШАВАД, КИ БАРҚАРОР ШУДА НАМЕТАВОНАД.
ХУДИ ХУДО АЗ РӮИ МАРҲАМАТИ ХУД БА МО ИН ХИЗМАТИ БА ОДАМОН РАСОНДАНИ ХУШХАБАРИ ХУДРО ДОДААСТ, АЗ ИН РӮ МО НОУМЕД НАМЕШАВЕМ.
АММО АГАР ИНҶИЛ БАРОИ КАСЕ ПӮШИДА БОШАД, ИН АЗ ОН САБАБ АСТ, КИ ШАЙТОН, ХУДОИ ИН ҶАҲОНИ БАДӢ, ӮРО НОБИНО КАРДААСТ ВА Ӯ НУРИ ПУРҶАЛОЛИ ИНҶИЛРО ДИДА НАМЕТАВОНАД.
ЛЕКИН МО ИН ГАНҶРО ДАР ЗАРФҲОИ ХОКӢ – ДАР ҶИСМҲОИ НОТАВОНИ ХУД ДОРЕМ, ТО ҲАР КАС ДИДА ТАВОНАД, КИ БАРТАРИИ ҚУВВАТИ ФАЙЗБАХШ АЗ ОНИ ХУДОСТ, НА АЗ ҶОНИБИ МО
МО АЗ ҲАР ҶИҲАТ БА ФИШОР ДУЧОР МЕШАВЕМ, ВАЛЕ ТАРК КАРДА НАШУДАЕМ ВА РӮҲАФТОДА НАМЕШАВЕМ.



ЗЕРО МЕДОНЕМ, КИ ҲАНГОМЕ ХОНАИ ЗАМИНИИ МО, ИН БАДАНИ МО, ХАРОБ МЕШАВАД, МО ДАР ОСМОНҲО БАДАНҲОИ НАВ БА ДАСТ МЕОВАРЕМ.
ҲАМАИ МО БОЯД ДАР НАЗДИ МАСЕҲ БАРОИ КОРҲОИ НЕК Ё БАД, КИ ДАР БАДАНҲОИ ЗАМИНИИ ХУД КАРДАЕМ, ДОВАРӢ КАРДА ШАВЕМ.
ХУДО БА МО МАҚСАДИ БУЗУРГЕ ДОДААСТ – ОДАМОНРО БА ОШТӢ БО Ӯ ОВАРДАН.
ХУДО ДАР МАСЕҲ АҲЛИ ҶАҲОНРО БО ХУД ОШТӢ ДОДА, ХАТОҲОИ ОНҲОРО БА ҲИСОБАШОН НАДАРОВАРД, – ХУШХАБАРИ МО ҲАМИН АСТ.
МО КӮШИШ МЕКУНЕМ ЧУНОН ЗИНДАГӢ КУНЕМ, КИ ҲЕҶ КАС АЗ РОҲИ ДАРЁФТАНИ ХУДОВАНД БЕРОҲА НАШАВАД – ТО ҲЕҶ КАС МОРО ТАЪНА НАЗАНАД Ё БАРОИ ОН ХУДОВАНДРО АЙБДОР НАКУНАД.
МО ДАР ҲАМА КОР КӮШИШ МЕКУНЕМ НИШОН ДИҲЕМ, КИ ХОДИМОНИ ҲАҚИҚИИ ХУДОВАНД ҲАСТЕМ.
МО ҲАМАИ АЗОБҲО, МӮҲТОҶИҲО ВА МУШКИЛОТРО ПУРСАБРОНА ПАСИ САР МЕКУНЕМ.
МОРО МЕЗАДАНД, БА ЗИНДОНҲО МЕПАРТОФТАНД, ИЗДИҲОМҲОИ БАДХАШМ ЗИДДИ МО МЕБАРОМАДАНД, МО ТО БЕҲОЛШАВӢ КОР МЕКАРДЕМ, ҲАНГОМИ РӮЗАДОРӢ ВА ШАБҲОИ БЕХОБӢ БЕДОР МЕНИШАСТЕМ.


МАН МУДДАТЕ АФСӮС МЕХӮРДАМ, КИ ИН НОМАРО БА ШУМО ФИРИСТОДААМ, ЗЕРО МЕФАҲМИДАМ, КИ ОН ШУМОРО ҒАМГИН КАРДА МЕТАВОНАД.
АММО ҲОЗИР ШОДАМ, КИ ЧУНИН КАРДААМ, ЗЕРО ИН ДАРД ШУМОРО СӮИ ХУДО РАВОНА КАРДААСТ.
ЗЕРО ХУДО ГОҲО ҒАМРО ДАР ҲАЁТИ МО ИСТИФОДА МЕБАРАД, ТО БА МО ЁРӢ ДИҲАД, КИ АЗ ГУНОҲ РӮ ГАРДОНДА, БА ҲАЁТИ АБАДӢ РӮ ОВАРЕМ.
ҶАМОАТҲО ДАР МАҚДУНИЯ ОЗМОИШҲОИ ВАЗНИНРО АЗ САР МЕГУЗАРОНАНД, АММО ШОДИИ ОНҲО ДАР БАЙНИ БЕНАВОИИ САХТ БОИСИ САХОВАТИ БЕКАНОРАШОН ШУД.
ОНҲО НА ТАНҲО БА ҚАДРИ ИМКОН, БАЛКИ БЕШТАР АЗ ОН АТО МЕКУНАНД – ВА ИЛТИМОС МЕНАМОЯНД, КИ АТОИ ОНҲОРО ҚАБУЛ КУНЕМ, ТО БА МАСЕҲИЁНИ УРШАЛИМ МАДАДЕ РАСОНДА БОШАНД
ОНҲО ХУДРО ПЕШ АЗ ҲАМА БА ХУДОВАНД БАХШИДА, БЕШ АЗ ОН ЧИ УМЕД ДОШТЕМ, ХАЙРУ САХОВАТ ЗОҲИР НАМУДАНД
ШУМО ИМОНИ ҚАВӢ, ВОИЗОНИ ХУБ, ТАЪЛИМОТ, ҶИДДУ ҶАҲД ДОРЕД ВА МОРО ДӮСТ МЕДОРЕД – ВА АКНУН ДАР ИН КОРИ ХАЙР ҲАМ ҒАЙРАТ КУНЕД.
ШУМО МУҲАББАТ ВА МЕҲРУБОНИИ ХУДОВАНДИ МО ИСОРО МЕДОНЕД – Ӯ САРВАТМАНД БУДА, БАРОИ ШУМО БЕНАВО ШУД, ТО ШУМО САРВАТМАНД ШУДА ТАВОНЕД.


АЗ ШУМО ПЕШИ АҲЛИ МАҚДУНИЯ ФАХР МЕНАМОЯМ, КИ ШУМО АЗ СОЛИ ГУЗАШТА ТАЙЁРЕД ХАЙРОТ ФИРИСТЕД.
ВА ҒАЙРАТИ ШУМО АКСАРИЯТРО БА ИН КОР БАРАНГЕХТААСТ, ВА АКНУН МАН ОДАМОНРО БАРОИ ОН ФИРИСТОДАМ, ТО БОВАРӢ ҲОСИЛ НАМОЯМ, КИ ШУМО ПЕШАКӢ ТАЙЁР КАРДА МОНДАЕД.
АММО ДАР ЁД ДОШТА БОШЕД, КИ КАСЕ КИ КАМ МЕКОРАД, КАМ ДАРАВ МЕКУНАД – БИГЗОР ҲАР КАС МУВОФИҚИ ХОСТИ ДИЛАШ ДИҲАД.
ҲЕҶ КАСРО МАҶБУР НАКУНЕД, КИ БЕШ АЗ ОН ЧИ МЕХОҲАД, ДИҲАД; ЗЕРО ХУДО ОН КАСРО ДӮСТ МЕДОРАД, КИ БО ХУШӢ МЕДИҲАД.
ХУДО БА ШУМО ОН ҚАДАР АТО МЕКУНАД, КИ БА ДИГАРОН САХОВАТМАНДОНА АТО КАРДА ТАВОНЕД.
ДАР НАТИҶАИ ХАЙРОТИ ШУМО ДУ КОРИ НЕК КАРДА МЕШАВАД – БА МӮҲТОҶОН ЁРӢ ДОДА МЕШАВАД ВА ОНҲО ХУДОРО ШУКРГУЗОРӢ МЕНАМОЯНД.
МАН ШАХСИ ОДДИИ НОТАВОН ҲАСТАМ, АММО БАРОИ ҒАЛАБА ДАР МУҲОРИБАҲОИ ХУД ВОСИТАҲО ВА НАҚШАҲОИ ОДАМИРО ИСТИФОДА НАМЕБАРАМ
МАН БО АСЛИҲАИ ТАВОНОИ ХУДО ҚАЛЪАҲОИ ИБЛИСРО ВА ҲАМАИ ДЕВОРҲОЕРО, КИ БАРОИ АЗ ДАРЁФТАНИ ХУДО БОЗДОШТАНИ ОДАМОН БУНЁД МЕГАРДАНД, САРНАГУН МЕНАМОЯМ.


БА МАН НАРМДИЛӢ ЗОҲИР НАМОЕД – МЕТАРСАМ, КИ ИН МУАЛЛИМОНИ ДУРӮҒИН ШУМОРО АЗ БАХШИДАШАВИИ САМИМОНА БА ХУДОВАНДАМОН ДУР МЕКУНАНД, ЧУНОН КИ ШАЙТОН ДАР БОҒИ АДАН ҲАВВОРО ФИРЕФТА НАМУД.
ОНҲО ИСОИ ДИГАРЕРО МАВЪИЗА МЕКУНАНД, НА ОНРО, КИ МО МАВЪИЗА МЕКУНЕМ.
ОНҲО ФАХР МЕКУНАНД, КИ ЯҲУДӢ ҲАСТАНД – МАН НИЗ ҲАСТАМ.
ОНҲО МЕГӮЯНД, КИ ОНҲО ИСРОИЛИЁН, ХАЛҚИ БАРГУЗИДАИ ХУДО ҲАСТАНД – МАН НИЗ ҲАСТАМ.
ОНҲО МЕГӮЯНД, КИ БА МАСЕҲ ХИЗМАТ МЕКУНАНД – АММО МАН БА Ӯ БЕШТАР ХИЗМАТ КАРДААМ!
МАН БЕШТАР МЕҲНАТ КАРДААМ, БЕШТАР ДАР ЗИНДОН БУДААМ, БОРҲО ЛАТУ КӮБ ШУДААМ, БОРҲО ДАР ЧАНГОЛИ МАРГ БУДААМ.
ПАНҶ БОР АЗ ЯҲУДИЁН ЯК КАМ ЧИЛ ТОЗИЁНА ХӮРДАМ.
СЕ БОР МАРО КАЛТАККОРӢ КАРДАНД, ЯК БОР САНГСОР КАРДАНД.
СЕ БОР КИШТИИ МАН ҒАРҚ ШУД, ЯК ШАБОНАРӮЗРО ДАР БАҲР ГУЗАРОНДАМ.
БОРҲО ДАР САФАРҲО БУДАМ, ДАР ХАТАРҲОИ ДАРЁҲО, ДАР ХАТАРҲОИ РОҲЗАНОН, ДАР ХАТАРҲО АЗ ҶОНИБИ ҚАВМИ ХУД, ДАР ХАТАРҲО АЗ ҶОНИБИ ҒАЙРИЯҲУДИЁН.
ДАР ГУРУСНАГӢ ВА ТАШНАГӢ, ДАР ГАРМОВУ САРМО БУДАМ.
АММО АГАР ФАХР КАРДАН ЛОЗИМ БОШАД, АЗ НОТАВОНИИ ХУД ФАХР МЕКУНАМ.






II ҚУРИНТИЁН 12-13


ҒАЛОТИЁН
ПАВЛУС ДАР ҚИСМИ ШАРҚИИ ИМПЕРИЯИ РУМ, ДАР ҒАЛОТИЯ, КИ ҲОЛО ДАР ҲУДУДИ ТУРКИЯ АСТ, ЯКЧАНД КАЛИСОҲО ТАЪСИС ДОД.
GALATIA
Konya
Iconium
Lystra
Derbe
Karaman
TURKEY
Adana
Tarsus
Mersin
Alanya
Anamur
Antakya
Antioch
Aleppo
SYRIA
Latakia
Nicosia
CYPRUS
Hama
Homs
ПАВЛУС ИН НОМАРО БАРОИ МУҚОБИЛАТ БА МУАЛЛИМОНИ ДУРӮҒИН НАВИШТ. ОНҲО БА ОДАМОН МЕГУФТАНД, КИ БАРОИ НАҶОТ ЁФТАН БОЯД ШАРИАТИ МУСОРО РИОЯТ КУНАНД.
ИН ЯГОНА НОМАИ РАСУЛ АСТ, КИ ДАР ОН БА ХОНАНДАГОН ТАВСИЯҲО ДОДА НАШУДААНД.
АЗ НОМА БА ҒАЛОТИЁН МО МЕФАҲМЕМ, КИ РАСУЛ ПАВЛУС ПАС АЗ БОЗГАШТ КАРДАНАШ СЕ СОЛРО ДАР АРАБИСТОН ГУЗАРОНД.
БАЪД БА УРШАЛИМ ОМАД, ТО КИ БО РАСУЛ ПЕТРУС ВОХӮРАД ВА ШИНОС ШАВАД.
ПАВЛУС ТАЪКИД МЕКАРД, КИ ПАЁМИ ИНҶИЛ ТАНҲО САФЕДШАВӢ АЗ РӮИ ИМОН БА МАСЕҲ АСТ.
ЛЕКИН АГАР ҲАТТО МО Ё ФАРИШТАЕ АЗ ОСМОН ИНҶИЛЕРО БАР ХИЛОФИ ОН ЧИ БА ШУМО БАШОРАТ ДОДАЕМ, МАВЪИЗА КУНАД, ЛАЪНАТИ ХУДО БАР Ӯ БОД!



ПЕТРУС ВА ДИГАРОН ЭЪТИРОФ НАМУДАНД, КИ БА МАН КОРИ МАВЪИЗАИ ИНҶИЛ БА ҒАЙРИЯҲУДИЁН СУПУРДА ШУДААСТ – ЧУНОН КИ БА ПЕТРУС КОРИ МАВЪИЗА БА ЯҲУДИЁН.
АММО ҲАНГОМЕ КИ ПЕТРУС БА АНТОКИЯ ОМАД, МАН ӮРО САРЗАНИШ КАРДАМ, ЧУНКИ ҲАНГОМЕ ЯҲУДИЁН ОМАДАНД, ХУДРО АЗ ҒАЙРИЯҲУДИЁН ДУР КАШИД ВА БО ОНҲО ХӮРОК НАМЕХӮРД
МАН БА Ӯ ГУФТАМ...
ТУ, КИ ЯҲУДӢ БУДА, НА АЗ РӮИ ШАРИАТИ ЯҲУДИЁН ЗИНДАГӢ МЕКУНӢ, ЧАРО ҒАЙРИЯҲУДИЁНРО МАҶБУР МЕНАМОӢ, КИ ШАРИАТРО РИОЯ КУНАНД?
МО, МАСЕҲИЁНИ ЯҲУДӢ, МЕДОНЕМ, КИ БО РИОЯИ ШАРИАТ ДАР НАЗДИ ХУДО РОСТКОР ШУДАН НАМЕТАВОНЕМ – ТАНҲО ИМОН БА ИСОИ МАСЕҲ МОРО АЗ ГУНОҲҲО ХАЛОСӢ ДОДА МЕТАВОНАД.
ЗЕРО МАН БА ВОСИТАИ ШАРИАТ БАРОИ ШАРИАТ МУРДААМ, ТО БАРОИ ХУДО ЗИНДАГӢ КУНАМ.
БО МАСЕҲ БА САЛИБ КАШИДА ШУДААМ; ВА АКНУН НА МАН, БАЛКИ МАСЕҲ ДАР МАН ЗИНДАГӢ МЕКУНАД.
ВА ЗИНДАГИЕ КИ АКНУН ДАР ҶИСМ МЕКУНАМ, БО ИМОН БА ПИСАРИ ХУДО ЗИНДАГӢ МЕКУНАМ, КИ Ӯ МАРО ДӮСТ ДОШТ ВА ХУДРО БАРОИ МАН ДОД.


ЭЙ ҒАЛОТИЁНИ БЕФАҲМ! КӢ ШУМОРО АФСУН КАРД? ПЕШИ ЧАШМОНИ ШУМО ИСОИ МАСЕҲИ БА САЛИБ КАШИДАШУДА ТАСВИР ЁФТА БУД.
ОЁ РӮҲРО АЗ КОРҲОИ ШАРИАТ ҚАБУЛ КАРДАЕД, Ё АЗ МАВЪИЗАИ ИМОН?
БО РӮҲ САР КАРДА, АКНУН БО ҶИСМ АНҶОМ МЕДИҲЕД?
НАВИШТА ИН ВАҚТРО ПЕШАКӢ ДИД, КИ ХУДО ХАЛҚҲОРО БА ВОСИТАИ ИМОН САФЕД МЕКУНАД.
ХУДО БА ИБРОҲИМ ГУФТ...
АЗ БАЙНИ ҲАМАИ ХАЛҚҲО КАСОНЕРО, КИ ЧУН ТУ ИМОН ДОРАНД, БАРАКАТ МЕДИҲАМ.
ҲАМИН ТАВР АСТ – ҲАМАИ КАСОНЕ КИ БА МАСЕҲ ИМОН ДОРАНД, ҲАМОН БАРАКАТЕРО МЕЁБАНД, КИ ИБРОҲИМ ЁФТА БУД.
ҲЕҶ КАС БО РИОЯИ ШАРИАТИ ЯҲУДИЁН БА ИЛТИФОТИ ХУДО НОИЛ ШУДА НАМЕТАВОНАД, ЧУНКИ ХУДО ГУФТААСТ, КИ МО  ТАНҲО АЗ РӮИ ИМОН НАЗДИ Ӯ САФЕД ШУДА МЕТАВОНЕМ.
ДИГАР НА ЯҲУДӢ ҲАСТ, НА ЮНОНӢ; НА ҒУЛОМ ҲАСТ, НА ОЗОД; НА МАРД ҲАСТ, НА ЗАН; ЗЕРО ҲАМАИ ШУМО ДАР МАСЕҲ ИСО ЯК ҲАСТЕД.


АГАР ПАДАР ВАФОТ КАРДА, БА ПИСАРИ ХУРДСОЛАШ САРВАТИ БУЗУРГЕРО БОҚӢ ГУЗОРАД, ИН ПИСАР АЗ ҒУЛОМ ФАРҚЕ НАДОРАД – ЧУНКИ ТО БА ВОЯ РАСИДАНАШ ЗЕРИ ДАСТИ ПАРАСТОРОН ВА ВАКИЛОН АСТ.
ҲАМЧУНИН МО, ТО ОМАДАНИ МАСЕҲ, ҒУЛОМОНИ ШАРИАТИ ЯҲУДИЁН БУДЕМ.
ВАЛЕ ДАР ВАҚТИ ДАРКОРӢ ХУДО ПИСАРИ ХУДРО ФИРИСТОД, КИ Ӯ АЗ ЗАН ТАВАЛЛУД ЁФТА, ЗЕРИ ШАРИАТ БУД, ТО ОНҲОЕРО, КИ ҒУЛОМОНИ ШАРИАТ БУДАНД, БОЗХАРАД, ТО БА ПИСАРӢ ҚАБУЛ ШАВЕМ.
ПЕШ АЗ ОН, КИ ШУМО, ҒАЙРИЯҲУДИЁН, ХУДОРО ШИНОХТЕД, ҒУЛОМОНИ ХУДОЁНЕ БУДЕД, КИ ҲАТТО ВУҶУД НАДОШТАНД.
АММО АКНУН... ЧӢ ГУНА БОЗ СӮИ ОН ҚОИДАҲОИ НОТАВОНУ БЕАРЗИШ БАРГАШТА, АЗ НАВ БАНДАИ ТАЪЛИМОТИ БЕҲУДА ШУДА, БО РИОЯИ ШАРИАТ БА ОСМОНҲО РАСИДАН МЕХОҲЕД?
ШУМО МЕХОҲЕД БА ИЛТИФОТИ ХУДО БА ВОСИТАИ КАРДАН Ё НАКАРДАНИ КОРҲОИ МУАЙЯН ДАР РӮЗҲО, МОҲҲО, ФАСЛҲО ВА СОЛҲОИ МУАЙЯН НОИЛ ШАВЕД.
БАРОИ ШУМО ХАВОТИР ДОРАМ, КИ МАБОДО ДАР МИЁНИ ШУМО БЕҲУДА МЕҲНАТ КАРДА БОШАМ.


МАСЕҲ МОРО ОЗОД КАРДААСТ – ҒУЛОМОНИ ШАРИАТ ВА МАРОСИМҲОИ ЯҲУДИЁН НАШАВЕД.
АГАР БА ОН УМЕД ДОШТА БОШЕД, КИ ХАТНА ВА РИОЯИ ШАРИАТИ ЯҲУДИЁН ШУМОРО ДАР НАЗДИ ХУДО РОСТКОР МЕГАРДОНАНД, МАСЕҲ ШУМОРО НАҶОТ ДОДА НАМЕТАВОНАД.
БА ВОСИТАИ РӮҲУЛҚУДС МО УМЕД ДОРЕМ, КИ МАРГИ МАСЕҲ ГУНОҲҲОЯМОНРО ПОК МЕКУНАД ВА МОРО ДАР НАЗДИ ХУДО РОСТКОР МЕГАРДОНАД.
ДАР ХУСУСИ ХАТНА Ё РИОЯИ МАРОСИМҲОИ ЯҲУДИЁН ТАШВИШ КАШИДАН ЛОЗИМ НЕСТ – БА МО ТАНҲО ИМОН ДАРКОР АСТ, КИ БО МУҲАББАТ АМАЛ МЕКУНАД.
ХУБ ПЕШ МЕРАФТЕД: КӢ БА ШУМО ТАЪСИР РАСОНДА, АЗ ИТОАТИ РОСТӢ БОЗДОШТ?
ИН ТАЪСИР АЗ ҶОНИБИ ХУДО НЕСТ, ЗЕРО Ӯ ШУМОРО ДАР МАСЕҲ ДАЪВАТ КАРДААСТ.
ОЗОДӢ БА ШУМО НА БАРОИ КОРҲОИ НОДУРУСТ ДОДА ШУДААСТ – БАЛКИ БАРОИ ДӮСТ ДОШТАН ВА ХИЗМАТ КАРДАН БА ЯКДИГАР.
ЗЕРО ТАМОМИ ШАРИАТРО БО ЯК СУХАН ХУЛОСА КАРДАН МУМКИН АСТ: “ЁРАТРО МОНАНДИ ХУДАТ ДӮСТ ДОР”. АЗ ДУШМАНӢ БАЙНИ ЯКДИГАР ЭҲТИЁТ БОШЕД


АГАР МАСЕҲӢ ГИРИФТОРИ ХАТОЕ ШАВАД, ШУМО, РӮҲОНИЁН, ӮРО ДАР РӮҲИ ҲАЛИМӢ ИСЛОҲ КУНЕД, ТО КИ БА РОҲИ РОСТКОРӢ БАРГАРДАД – ВА ДАР ЁД НИГОҲ ДОРЕД, КИ ДАР ҶОИ Ӯ ШУМО БУДА МЕТАВОНИСТЕД.
ДАР РАФЪИ МУШКИЛОТ ВА ТАҲАММУЛ НАМУДАНИ БОРҲОИ ГАРОН БА ЯКДИГАР ЁРӢ РАСОНЕД.
ДАР ЁД НИГОҲ ДОРЕД, КИ ШУМО ХУДОВАНДРО САРФИ НАЗАР КАРДА, АЗ ҒАЗАБИ Ӯ БАРКАНОР МОНДА НАМЕТАВОНЕД – ШАХС ҲАР ЧИРО КИШТ КУНАД, ҲАМОНРО МЕДАРАВАД!
КАСЕ КИ БАРОИ ҶИСМИ ХУД МЕКОРАД, АЗ ҶИСМ САМАРҲОИ МАРГРО МЕДАРАВАД, ВА КАСЕ КИ БАРОИ РӮҲ МЕКОРАД, АЗ РӮҲ ҲАЁТИ АБАДИРО МЕДАРАВАД.
БА ШУМО ИН СУХАНОНИ ХОТИМАВИРО БО ДАСТИ ХУД НАВИШТААМ – БИНЕД, БО ЧӢ ГУНА ҲАРФҲОИ КАЛОН НАВИШТААМ!
КАСОНЕ КИ ХАТНАРО ТАЪЛИМ МЕДИҲАНД, ТАНҲО ТАҲСИНРО МЕҶӮЯНД, ТО КИ АЗ БОИСИ САЛИБИ МАСЕҲ БА ТАЪҚИБОТ ГИРИФТОР НАШАВАНД.
ХУДО МЕХОҲАД, КИ ҒАЙР АЗ САЛИБИ ХУДОВАНДАМОН ИСОИ МАСЕҲ, БО ҲЕҶ ЧИЗИ ДИГАР ФАХР НАКУНАМ.
ЧУНКИ МАЙЛУ РАҒБАТИ МАН БА ТАМОМИ ЧИЗҲОИ ҶОЛИБИ ИН ҶАҲОН КАЙҲО БО ИН САЛИБ КАШИДА ШУДААСТ.
НА ХАТНА АҲАМИЯТЕ ДОРАД ВА НА БЕХАТНАГӢ – ОН ЧИЗ МУҲИМ АСТ, КИ ОЁ МО ҲАҚИҚАТАН ДИГАРГУН ШУДА, ОФАРИНИШИ НАВ ГАРДИДАЕМ.


ЭФЕСУСИЁН
НОМАРО БА ҶАМОАТИ ЭФЕСУС ПАВЛУС ТАҚРИБАН БАЙНИ СОЛҲОИ 60-62 МИЛОДӢ, ҲАНГОМИ ДАР РУМ ЗИНДОНӢ БУДАНАШ НАВИШТААСТ.
ЭФЕСУС ШАҲРИ АСОСИИ ИМПЕРИЯИ РУМ ДАР ОСИЁ (ҲОЗИРА ТУРКИЯ) БУД.
АКИЛО ВА ПРИСКИЛЛА ДАР ИН ҶО ҶАМОАТ ТАЪСИС ДОДАНД, КИ СЕ СОЛ ЗЕРИ ПАРАСТОРИИ ПАВЛУС БУД.
НОМА БОЯД БА ИМОНДОРОН ХОТИРРАСОН МЕНАМУД, КИ ОНҲО ДАР ИСОИ МАСЕҲ ЧӢ БАРАКАТҲОИ БЕАНДОЗАРО БА ДАСТ МЕОВАРАНД – ВА ЧӢ ГУНА БОЯД МУВОФИҚИ ИН БАРАКАТҲО УМР БА САР БАРАНД.
БА МУҚАДДАСОНЕ КИ ДАР ЭФЕСУС МЕБОШАНД. МУБОРАК АСТ ХУДО ВА ПАДАРИ ХУДОВАНДИ МО ИСОИ МАСЕҲ, КИ МОРО БО ҲАР БАРАКАТИ РӮҲОНИЕ КИ ДАР ҶОЙҲОИ ОСМОНӢ АСТ, БАРАКАТ ДОДААСТ.
ҲАМЧУНИН ИН НОМА «СИРР»-И БУЗУРГРО ОШКОР МЕКУНАД, КИ ИМОНДОРОНИ ҒАЙРИЯҲУДӢ НИЗ ВОРИСОНИ ИН БАРАКАТҲО ДАР МАСЕҲ МЕБОШАНД.
НОМА АЗ ПАВЛУС...
ҲАНГОМЕ КИ АЗ ИМОНИ ШУМО ХАБАРДОР ШУДАМ, ШУКРГУЗОРИРО БАРОИ ШУМО БАС НАМЕКУНАМ.


ЗАМОНЕ ШУМО БАРОИ ГУНОҲҲОЯТОН ЗЕРИ ЛАЪНАТИ ХУДО БУДЕД, ЧУНКИ ШАЙТОНРО ПАЙРАВӢ МЕКАРДЕД.
ҲАМАИ МО ЗАМОНЕ ЧУНИН БУДА, АЗ РӮИ ҲАВАСҲОИ БАДИ ҶИСМИ ХУД БАДКИРДОРИҲОРО БА АМАЛ МЕОВАРДЕМ.
АММО ХУДО, КИ АЗ МАРҲАМАТ ДАВЛАТМАНД АСТ, МОРО ДӮСТ ДОШТ, ВА АГАРЧИ ДАР ХАТОҲО МУРДА БУДЕМ, МОРО ЗИНДА КАРД.
ҲАНГОМЕ КИ Ӯ МАСЕҲРО АЗ МУРДАҲО ЭҲЁ НАМУД, БА МО ҲАЁТРО БАРГАРДОНД, – ЧУНКИ МО БО ФАЙЗ НАҶОТ ЁФТАЕМ.
ЗАМОНЕ ШУМО ХАЛҚҲО БУДЕД ВА ЯҲУДИЁН ШУМОРО "НОПОК" МЕНОМИДАНД.
АММО АКНУН ШУМО БА ИСОИ МАСЕҲ ТААЛЛУҚ ДОРЕД, КИ ЯҲУДИЁН ВА ҒАЙРИЯҲУДИЁНРО ЯК ОИЛА ГАРДОНДААСТ.
ШУМО БАР ТАҲКУРСИИ РАСУЛОН ВА ПАЙҒАМБАРОН БИНО ШУДАЕД, ВА ХУДИ ИСОИ МАСЕҲ – САНГИ ГӮШАИ ОН АСТ.
МО ДАР МАСЕҲ МУТТАҲИД МЕГАРДЕМ, ТО КИ ИБОДАТХОНАИ ВУСЪАТЁБАНДАИ ОЛИДАРАҶАЕ БАРОИ ХУДОВАНД ШАВЕМ.


МАН, ПАВЛУС, БАНДАИ МАСЕҲ, БАРОИ МАВЪИЗА ДАР ХУСУСИ ОН КИ ШУМО, ҒАЙРИЯҲУДИЁН, НИЗ ЯК ҶУЗЪИ ХОНАИ ХУДО ҲАСТЕД, ЗИНДОНӢ ШУДААМ.
СИРРИ ХУДО ДАР ҲАМИН АСТ – КИ БА ҒАЙРИЯҲУДИЁН, ДАР БАРОБАРИ ЯҲУДИЁН, САРВАТҲОЕ АТО КАРДА МЕШАВАНД, КИ ПИСАРОНИ ХУДО БА МЕРОС МЕГИРАНД; ҲАМ ИНҲО ВА ҲАМ ОНҲО БА ОН ДАЪВАТ ШУДААНД, КИ ҶУЗЪИ ҶАМОАТИ Ӯ БОШАНД.
ХУДО МЕХОҲАД, КИ БА САРВАРОН ДАР ҶОЙҲОИ ОСМОНӢ МАЪЛУМ НАМОЯД – КИ ЯҲУДИЁН ВА ҒАЙРИЯҲУДИЁН ДАР ҶАМОАТИ Ӯ БА ҲАМ МУТТАҲИД МЕШАВАНД.
ҲАНГОМЕ МАН ДАР БОРАИ ҲИКМАТИ НАҚШАИ Ӯ ФИКР МЕКУНАМ, ЗОНУ МЕЗАНАМ, КИ Ӯ МУВОФИҚИ САРВАТИ ҶАЛОЛИ ХУД АТО ФАРМОЯД, КИ ШУМО ДАР РӮҲУЛҚУДСИ Ӯ ЗӮРМАНД ШАВЕД.
ХУДОРО, КИ МЕТАВОНАД БЕАНДОЗА ЗИЁДТАР АЗ ҲАР ОН ЧИ МО МЕХОҲЕМ Ё ФИКР МЕКУНЕМ, АМАЛ КУНАД, ҶАЛОЛ БОД.
ӮРО БАРОИ НАҚШАИ БЕБАҲОИ НАҶОТ БА ВОСИТАИ ИСОИ МАСЕҲ АЗ НАСЛ БА НАСЛ ТО АБАД ҶАЛОЛ БОД.
ЭФЕСУСИЁН 3


МАН, КИ БАРОИ ХИЗМАТ БА ХУДОВАНД БАНДӢ ҲАСТАМ, АЗ ШУМО ХОҲИШМАНДАМ, КИ ШОИСТАИ ДАЪВАТЕ КИ БА ОН ДАЪВАТ ШУДАЕД, ЗИНДАГӢ ВА РАФТОР КУНЕД.
БО ФУРӮТАНӢ, ҲАЛИМӢ ВА ПУРСАБРӢ ЯКДИГАРРО БАРДОШТ НАМОЕД.
ҲАМАИ МО ҶУЗЪҲОИ ЯК БАДАН ҲАСТЕМ, ВА ҲАМА БАРОИ ОЯНДАИ ПУРҶАЛОЛ ДАЪВАТ ШУДАЕМ.
БА ҲАР ЯКЕ АЗ МО ФАЙЗ БА АНДОЗАИ АТОИ МАСЕҲ БАХШИДА ШУДААСТ.
Ӯ БАЪЗЕРО ЧУН РАСУЛ, БАЪЗЕРО ЧУН ПАЙҒАМБАР, БАЪЗЕРО ЧУН БАШОРАТДИҲАНДА, БАЪЗЕРО ЧУН ШУБОН ВА МУАЛЛИМ ГУЗОШТ, ТО ХАЛҚИ ХУДОРО БА ХИЗМАТ ТАЙЁР КУНАД.
НАГУЗОРЕД, КИ ХАШМИ ШУМО ТО НИШАСТАНИ ОФТОБ БОҚӢ МОНАД; ВА БА ИБЛИС ҶОЙ НАДИҲЕД.
ҲАР ГУНА ТАЛХӢ ВА ХАШМ ВА ҒАЗАБ БИГЗОР АЗ ШУМО ДУР ШАВАД.
БА ЯКДИГАР ДУРӮҒ НАГӮЕД. КАСЕ ДУЗДӢ КАРДА БОШАД, БОЯД БАС КУНАД ВА ДАСТОНИ ХУДРО БАРОИ МЕҲНАТИ БОИНСОФОНА ВА БАРОИ МАДАД БА МӮҲТОҶОН ИСТИФОДА БАРАД
БАЛКИ БА ЯКДИГАР МЕҲРУБОН БОШЕД ВА ЯКДИГАРРО БАХШЕД, ЧУНОН КИ ХУДО НИЗ ШУМОРО ДАР МАСЕҲ БАХШИДААСТ.


ФОСИҚӢ ВА ҲАР ГУНА НОПОКӢ Ё ТАМАЪКОРӢ ДАР БАЙНИ ШУМО НАБОЯД ҲАТТО ЗИКР ШАВАД, БАЛКИ ШУКРГУЗОРӢ КУНЕД.
САБУКФИКРОНА РАФТОР НАКУНЕД, БАЛКИ КӮШИШ КУНЕД ХОСТИ ХУДОРО БАРОЯТОН БИҶӮЕД ВА ОНРО ИҶРО НАМОЕД.
ВА МАСТИ МАЙ НАШАВЕД, БАЛКИ АЗ РӮҲ ПУР ШАВЕД.
БА ЯКДИГАР ДАР БОРАИ ХУДОВАНД СУХАН ГӮЕД ВА ДАР ДИЛҲОИ ХУД БАРОИ Ӯ САРОЕД ВА ТАРОНА ХОНЕД, ҲАМЕША БАРОИ ҲАМА ЧИЗ ХУДОИ ПАДАРРО БА НОМИ ХУДОВАНДИ МО ИСОИ МАСЕҲ ШУКР ГӮЕД.
МАСЕҲРО ИЗЗАТ НАМОЕД ВА ФАРМОНБАРДОРИ ЯКДИГАР ШАВЕД.
ЗАНОНИ ШУМО ФАРМОНБАРДОРИ ШАВҲАРОНИ ХУД БОШАНД, МОНАНДИ ОН КИ ШУМО БА ХУДОВАНД ФАРМОНБАРДОРЕД.
ЭЙ ШАВҲАРОН, ЗАНОНИ ХУДРО ДӮСТ ДОРЕД, ЧУНОН КИ МАСЕҲ НИЗ ҶАМОАТРО ДӮСТ ДОШТ ВА БАРОИ ОН МУРД.
ШАВҲАР БОЯД ЗАНИ ХУДРО ҲАМЧУН ХУД ДӮСТ ДОРАД; ВА ЗАН БОЯД ШАВҲАРАШРО ИЗЗАТУ ЭҲТИРОМ НАМОЯД.
ЭФЕСУСИЁН 5


ЭЙ ФАРЗАНДОН, БА ПАДАРУ МОДАРИ ХУД ИТОАТ НАМОЕД, ЗЕРО ИН АЗ РӮИ ИНСОФ АСТ.
ВА ШУМО, ЭЙ ПАДАРОН, ФАРЗАНДОНИ ХУДРО БА ХАШМ НАОВАРЕД, БАЛКИ ОНҲОРО ДАР МУҲАББАТИ ХУДОВАНД КАЛОН КУНЕД.
ЭЙ ҒУЛОМОН, БА ХОҶАГОНИ ХУД ИТОАТ НАМОЕД, КӮШИШ КУНЕД БА ОНҲО ҒАЙРАТМАНДОНА БАНДАГӢ НАМОЕД.
ВА ШУМО, ЭЙ ХОҶАГОН, БА ОНҲО АЗ РӮИ ИНСОФ МУНОСИБАТ НАМОЕД.
НИҲОЯТ, ЭЙ БАРОДАРОНАМ, АСЛИҲАИ ТОМИ ХУДОРО ДАР ТАН КУНЕД, ТО БАР ЗИДДИ ҲИЛАҲОИ ИБЛИС ИСТОДАГАРӢ КАРДА ТАВОНЕД.
БО ҲАҚИҚАТ МИЁН БАСТА ВА ҶАВШАНИ РОСТКОРИИИ ХУДОРО ДАР ТАН КУНЕД.
ПОЙАФЗОЛИ ОМОДАГИРО БАРОИ РАСОНДАНИ ИНҶИЛИ ОСОИШ БА ПОИ ХУД ПӮШЕД.
ДАР ҲАР МУҲОРИБА БА ШУМО СИПАРИ ИМОН ДАРКОР МЕШАВАД, ТО ХУДРО АЗ ТИРҲОИ ТАФСОНИ ШАЙТОН ҲИМОЯ КУНЕД.
ВА БА ШУМО ТОСКУЛОҲИ НАҶОТ ВА ШАМШЕРИ РӮҲОНӢ – КАЛОМИ ХУДО ДАРКОР МЕШАВАД.
ДАР ҲАР ВАҚТ ДУО ГӮЕД АЗ ХУДОВАНД ДАР ХУСУСИ АҲАМА ЧИЗ МУВОФИҚИ ХОСТИ РӮҲУЛҚУДС ИЛТИМОС НАМОЕД.
... БАРОИ МАН НИЗ ДУО ГӮЕД, КИ ДАР БОРАИ Ӯ ҲАТТО ДАР МАҲБУСӢ ДАЛЕРОНА СУХАН ГӮЯМ.

"THE BIBLE EXPLAINED
IN EVERY LANGUAGE."













**SUPERBIBLE.TV**